## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ ХОЛИС

**ба диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021400 – назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Пажуҳиши ҷанбаҳои поэтикӣ ва матншиносии насри классикии форсу тоҷик, бавежа осори мансури ирфонӣ аз ҷумлаи масоиле маҳсуб мешавад, ки ниёзмандиҳои бештари адабиёшиносии тоҷикро ба он тақозо мекунад. Мусаллам аст, ки дар ду даҳаи аввали қарни бистуяк дар самти таҳқиқ ва таъйини арзишҳои адабии мероси осори мансур таҳқиқоте муайян аз сӯи як гурӯҳи донишварону олимони кишвар чун Худоӣ Шарифзода, Носирҷон Салимӣ, Умеда Ғаффорова, Фахриддин Насриддинов, Муътабар Оқилова ва дигарон корҳои муайяне ба сомон расидаанд, вале пажӯҳиши ҷанбаҳои поэтикии наср дар пайванд бо масоили матншиносии он камтар сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзӯи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» аз ҷумлаи чунин таҳқиқоти қобили таваҷҷуҳ ба шумор меравад, ки дар он масоили поэтика ва матншиносии осори насрии яке аз нависандагони соҳиби таълифоти муҳим дар насри ирфонии форсу тоҷик тавъам ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Тавре аз муқаддимаи диссертатсия ҳам маълум мегардад, бо сабаби он ки мероси адабии Аҳмади Ҷом дар Тоҷикистон то кунун ба чоп нарасидаанд, зиндагинома ва осори бозмонда аз ӯ низ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудааст. Танҳо бахше аз ҷузъиёти рӯзгори суханвар дар китобҳои умумии таърихи адабиёти тоҷик, қомусҳо ба таври фишурда баррасӣ гардидаанд. Дарки дурусти зарурат, аҳаммият ва мубрамияти мавзуи таҳқиқ ба диссертант имконият додааст, ки ба таври густарда ҷусторҳое дар шинохт ва таҳқиқи адиб ва мероси адабии ӯро дар адабиётшиносии кишварҳои ҳамзабон, ховаршиносии Аврупову Осиё анҷом дода, бар ин асос ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти хешро мушаххас намояд.

Аз мутолеаи муқаддимаи диссертатсия ва вусъати доираи баррасиҳои анҷомдодаи ӯ саҳми шахсияш дар таҳқиқ ва ҳаллу фасли масоили меҳварии таълиф муқаррар мегардад. Фузун бар ин, диссертант дар асоси таҳқиқи анҷомдодаи хеш дар чанд ҳамоишҳои илмии донишгоҳӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат ва суханаронӣ намудааст, ки матни баромадҳояш ба сурати мақолаи илмӣ дар маҷмуаҳои ин конфронсҳо ба чоп расидаанд. Дар умум, аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти хеш 8 мақола ба нашр расонидааст, ки аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда интишор ёфтаанд.

Суханрониҳои илмӣ ва нашри ин мақолот низ саҳми шахсии ӯро дар пажӯҳиши мавзуи интихобшуда ба шоистагӣ муқаррар месозанд.

Боби аввали диссертатсия "Аҳмади Ҷом ва таҳаввули насри ирфонӣ дар аҳди ӯ" унвон дошта, маҷмуи матолиби он дар ду фасл ва се зерфасл мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтаст. Нахуст, бар асоси мутолеаи сарчашмаҳои муътабари адабӣ, тазкираву мақомоту табақот, хоса таълифоти худи Аҳмади Ҷом зиндагинома ва муҳимтарин лаҳзаҳои рӯзгори адибро баррасӣ ва саҳифаҳои мухталифи онро равшан намудааст. Бегумон ва бо итминон метавон гуфт,қи шарҳи муфассали ҳолномаи Аҳмади Ҷом бо такя манобеи муътамад ва муътабар бори аввал дар ин фасли диссертатсияи мавриди такриз ҷараён гирифтааст. Дар таъйини мақоми маънавии Аҳмади Ҷом муҳаққиқи ҷавон ба осори суханварони пас аз ӯ руҷуъ намудааст, ки аксаран иродат ва эҳтироми хоси хешро дар анвоъи мухталифи шеърӣ баён доштаанд. Зикри номи Аҳмади Ҷом ва мартабаи баланди вай дар шеъри шоиронии бузурги форсу тоҷик, чун Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Қосими Анвор, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон ба манзалати бузурги маънавиву ирфонии ӯ ишорат мекунад, ки сурудаҳои ин суханварон мавриди таҳлилу баррасии диссертант қарор гирифтаанд. Баробари ин, баррасии авзои насри ирфонии форсии тоҷикӣ дар ин боби диссертатсия низ имконият фароҳам овардааст, ки муҳаққиқ аз ин роҳу шеваи таҳқиқ низ ҷойгоҳ ва накши адибро дар рушди насри форсу тоҷик, бавежа насри ирфонӣ муайян намояд

Боби дувуми диссертатсия "Нусхашиносӣ ва пажуҳиши сохториву мавзуии осори насрии Аҳмади Ҷом" ном дошта, меҳварҳои аслии таҳқиқ дар ду фасл барасӣ шудаанд. Муаллиф бо дастрасӣ бо хазинаи нусхаҳои хаттии китобхонаҳои олам ва феҳристҳои нашршуда нусахи хаттии ҳар яке аз осори насрии мавриди таҳқиқро, ки дар китобхонаҳои кишварҳои Ҳинд, Эрон, Туркия, Ӯзбекистон, Покистон, Афғонистон ва ғайра маҳфузанд, тавсиф намудааст. Дар идома мавзуъ, муҳтаво ва сохтори мероси насрии ӯ, аз ҷумла "Анис ут-тоибин", "Равзат-ул-музнибин", "Сироҷ-ус-соирин", "Мифтоҳ-ул-наҷот", "Биҳор -ул-ҳақиқат", "Кунуз-ул-ҳикмат", "Рисолаи Самарқандия"-ро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Мабоҳиси марбут ба сохторшиносӣ, мавзуъ ва мундариҷа, сабаб ва заминаҳои таълифи расоил, ки аз арзиши муҳими илмӣ бархурдоранд, низ бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд ва натиҷагириҳои муаллиф арзиш ва аҳамияти таълифи ӯро афзудааст.

Боби савуми диссертатсия "Баррасии хусусиятҳои поэтикӣ ва матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом" ном дошта, аз чаҳор фасл ва се зерфасл таркиб ёфтааст. Баррасиҳои илмии диссертант бо таҳқиқи масоили сабки осори насрии адиб оғоз ёфта, бо пажуҳиши ҷанбаҳои поэтикии таълифоти мазкур идома меёбад. Муаллифи диссертатсия дуруст натиҷагирӣ кардааст, ки ҳарчанд роҷеъ ба сабки таълифоти

насри классикии форсу тоҷик пажуҳишоти фаровоне ба қалам омадааст, вале шеваи нигориши Аҳмади Ҷом аз ин таҳқиқот берун мондааст. Аз ин рӯ, ба сурати мушаххас дар 12 банд муҳимтарин хусусиятҳои сабки осори насрии Аҳмади Ҷомро баррасӣ кардааст, ки корбурди саноати бадеӣ, нуфузи саҷъ, истифодаи вожагони куҳан, таркиботи арабӣ, оёту аҳодис аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Ашъори мавриди истифодаи Аҳмади Ҷом дар таркиби осори насриаш низ дар се даста- ашъори шуарои пешин, ашъори худи адиб ва ашъори арабӣ баррасӣ ва таҳқиқ шудаанд.

Таҳқиқи матшиносии осори насрии Аҳмади Ҷом низ дар фасли алоҳидаи ин боб сурат гирифтааст. Муаллиф нахуст нашрҳои анҷомёфтаи мероси насрии Аҳмади Ҷомро баррасӣ намуда, нусхаҳои хаттии аз назари тасҳеҳкунандагони ин мутун дурмондаро мушаххас намудааст. Дар идома тибқи муқоисаву муқобалаи матни нашрҳои анҷомёфтаи осори Аҳмади Ҷом бо нусхаҳои хаттии дар ихтиёрдошта диссертант афтогиҳои матнӣ, ғалатҳои чопиро дақиқ намуда, гунаҳои саҳеҳи онҳоро манзур намудааст, ки воқеан таҳлилҳои мазкур дар кори тасҳеҳи дурусти мутуни осори насрии адиб кӯмак хоҳанд кард.

Хулосаҳои илмии диссертатсия дар 22 банд натиҷаҳои куллии ба даст омада дар ҷараёни таҳқиқи меҳварҳои аслиии онро муқаррар сохтаанд. Рисола ба сабки шевои илмӣ, коркарди дуруст ва муносиби сарчашмаву осори тахқиқӣ ба қалам омада, барои расидан ба ҳадафҳои аслии пажуҳишии худ диссертант аз маводу матолиби фаровони манобеи адабиву таърихӣ ва осори таҳқиқӣ истифода кардааст.

Баробари дастовардҳо дар рисола баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки бартараф намудани онҳо дар такмили арзиш ва аҳамияти илмии диссертатсия мувофиқи мақсад мебошад.

1. Дар ҷараёни мутолеи диссертатсия ба назар мерасад, ки диссертант нахуст дар бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ дар бораи муҳимтарин таҳқиқоти дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ба анҷом расида изҳори назар мекунад. Баъдан дар боби аввали диссертатсия бори дигар ба масъалаи мазкур руҷуъ кардааст. Ба назари мо, зикри маълумот дар бораи пажӯҳишҳои анҷомёфта дар қисмати муқаддима кифоя аст, чун дар боби аввал овардани он навъе такрори маълумотро мемонад.

2. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳо ба чашм мерасанд. Аз ҷумла баъзеи онҳо дар матни ашъори мавриди истифода мушоҳида мешавад. Ислоҳи ин камбудиҳо ба салоҳи кори диссертант аст.

Маҷмуи ин эродҳо хислати тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Ба таври куллии метавон изҳор дошт, ки диссератсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзӯи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» кори анҷомёфта ба шумор меравад ва он ба талаботи Комиссияии Олии Аттетсатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми фалсафа (PhD), доктор аз

рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021400 – назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) муқаррар шудааст, мувофиқ мебошад.

Аз ин рӯ, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсонии 6D-KOA-037 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров тавсия мешавад.

Муқаррizi холис:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нуров Н. Н.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, Хуррамшаҳр, 38
Тел: 992 928763797 E-mail: nurali74@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ,
профессор Нуралӣ Нуровро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Э. Наврӯзов

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 90040202 E-mail: n.ehson@mail.ru